**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ яке аз падидаҳои муҳиме, ки атрофи он ғояҳои гуногуни илмӣ рӯйи кор омадааст, ин одатҳо ва одатҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Аз замони бавуҷудоӣ то ба ҳол нисбат ба одатҳои ҳуқуқӣ ба сифати падидаи таъсиррасонандаи ҳуқуқӣ нисбат ба муносибатҳои байни субъекти ҳуқуқ андешаи консептуалӣ мавҷуд намебошад. Дар баробари ин, дар фазои илмии сивилистӣ низ роҷеъ ба одаҳои ҳуқуқӣ ва сатҳи таъсирнокии онҳо дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ андешаи ягонаи илмӣ ё таҳқиқоти бунёдии институтсионалӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ то ба ҳол рӯи кор наомадааст, ҳолати мазкур ба он ишора менамояд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ бо номи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» бисёр мубрам ва айнизамонӣ баҳогузорӣ мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки одатҳо яке аз падидаҳои таърихи куҳандошта ба шумор рафта, марҳилаҳои гуногуни рушдро гузаштааст, ки ҳолати мазкур аз муҳиммияти умумииҷтимоии зуҳуроти мазкур гувоҳӣ медиҳад. Нисбат ба бавуҷудоӣ, мазмун, моҳияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, таъсирнокии он дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ аз ҷониби диссертант таҳлилу омӯзишҳо гузаронида шуда, дар як маврид мавкеъгузории муаллифӣ низ дарҷи худро ёфтааст. Албатта, дар муносибатҳои маданӣ ва муомилоти маданӣ дар баробари таъсиррасонии муқарраротҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши одатҳо низ бисёр созгор мебошад, ки ҳолати мазкурро довталаби дараҷаи илмӣ бисёр бо сабку усули хоси илмӣ ба қалам додааст.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дарбар гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва рушди қонунгузории соҳа пешкаш намудааст, ки ба манфиати кор мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст, ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 5 васоити таълимӣ, 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки муаллифи диссертатсия дар самти масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи маданӣ истифода намуд.

Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии диссертант дар як қатор конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашри худро ёфтааст, ки ҳолати мазкур гувоҳии инъикоси ҳамаҷонибаи моҳият ва мақсади натиҷаҳои таҳқиқот мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Анушервони Исрофил нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ дар асоси сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбат, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок мебошанд, аз он ҷумла:

1. Дар саҳифаҳои 23 ва 24 матни автореферати диссертатсия зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия ба таври мухтасар инъикоси худро ёфтааст. Ба андешаи мо хуб мебуд барои ба тариқи фаҳмо ва мушаххас пешниҳод гардидани мазмун ва моҳияти мухтасари зербоби зикршуда аз ҷониби диссертант маълумоти бештар ва мушаххастар пешкаш мегардид, то ин ки хонанда аз он маълумоти мухтасар нисбати зербоби мазкур пайдо менамуд.

2. Дар таҳқиқоти автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлои ба назар мерасад, ки ҳолати мазкур диссертантро водор менамояд то минбаъд ба ин ҷабҳаи масъала диққати асосӣ диҳад.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо

инъикоскунандаи он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва бахснокананд.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қодирзода М.А.

Имзои Қодирзода Мирзоқодир Аюб-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгохи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

12. 03. 2025 сол

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru